**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи “Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва оморӣи антропонимҳои ноҳияи Лахш” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.–Филология (6D 02.05.02.– Забони тоҷикӣ)**

Таҳқиқи номҳои ашхос дар илми забоншиносии тоҷик ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфтааст. Зеро номҳо аз умқи забон маншаъ гирифта, забони гӯёи суннатҳо, расму анъана ва фарҳангҳо маҳсуб меёбанд. Ҳар номе, ки бунёди қадимӣ дорад, чун нигорае дар осорхонаи маънавии ҳар қавму миллат, намоишдиҳандаи раванди инкишофи таърихии андешаву ҷаҳонбинии ниёгони онҳо ба ҳисоб меравад. Номгузорӣ ба тифли навзод яке аз анъанаҳои қадимтарини тамоми башарият буда, дар номҳо тамаддун, андешаву маниш ва пешаву ҳунари миллат инъикос ёфта, ҳамчун маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни ташаккули ҷамъият то ба имрӯз омада расидааст. Чун назари ҳар қавму миллат нисбат ба оламе, ки онҳоро иҳота намудааст, мухталиф мебошад, ин гуногунандешӣ, бешак, дар номгузорӣ низ акси худро ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи пажӯҳишии Холназаров Р. М., дар ҳақиқат муҳим арзёбӣ гардида, аввалин таҳқиқот дар номшиносии минтақаи Рашт, хусусан, ноҳияи Лахш ба шумор меравад. Таҳқиқи номҳо аз нигоҳи гендерӣ дар забоншиносии муосир ҳанӯз хеле норавшан мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо тақсим мешаванд.

Дар мукаддима муаллиф муҳимияти интихоби мавзӯъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои илмии кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои амалии таҳқиқотро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Муҳтавои таҳқиқот дар се боб нишон дода шудааст.

Муаллиф вобаста ба кори таҳқиқотӣ зиёда аз 6 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

Новобаста аз муваффақиятҳое, ки дар таҳқиқот дида мешавад, ҳамчунин камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба он нуктаҳо таваҷҷуҳ мешавад:

1. Ба назари мо, хуб мешуд, ки хулосаи кор дар автореферат мукаммалтар мешуд.

2. Ҳарчанд, муҳаққиқ покизакор бошад ҳам, баъзе камбудиҳои хусусияти таҳриридошта ба назар мерасад (саҳ. 7, 13).

Ин камбудиҳо хусусияти ислоҳшаванда доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ қимати баланди илмии корро, ки дар заминаи назарияи номшиносӣ бо ҷалби маводи фаровони ноҳияи Лахш рӯйи кор омадааст, кам намекунанд. Диссертант бо техникаи илмӣ мусаллаҳ аст, маводи мавҷударо ба таври илмӣ баррасии илмӣ карда метавонад ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро, пурра иҷро кардааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопкардаи муаллиф ба талаботи банди 4 ва 5-и "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия"-и КОА назди президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.–Филология (6D 02.05.02.–Забони тоҷикӣ) аст.

**Мудири шуъбаи илмию**
**ташкилии Раёсати АИ ҶТ,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Нуров Пирмаҳмад Гулович**

**Имзои мудири шуъбаи илмию**
**ташкилии Раёсати АИ ҶТ,**
**доктори илмҳои филологӣ**
**Нуров Пирмаҳмад Гуловичро тасдиқ**
**мекунам, Сардори Шуъбаи кадрҳои АИ ҶТ** **М.Муродова**